«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________Раҳмон Д.С.
«___»___________соли 2024.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» ба бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Осори бадеӣ яке аз сарчашмаҳое маҳсуб меёбанд, ки манзараи забони адабӣ дар ҳар зинаи инкишофу такомули он равшану возеҳ мегардад. Ин боис мегардад, ки забони адабӣ ва шохаҳои он рушду такомул ёбанд. Дар ин замина, таҳқиқу пажуҳиш ва омӯзиши хусусиятҳои луғавию грамматикии асарҳои гуногун, махсусан, осори бадеии классикӣ барои илми забоншиносии муосир аҳаммияти илмӣ, назарӣ ва амалиро дорост. Муаллифони ин мероси гаронарзиш дар густаришу устувории забони адабӣ бо такмил додани фонди луғавӣ, инкишоф додани сохти сарфу наҳв ва мукаммал кардани меъёрҳои забон саҳми беандоза ва муҳим гузоштаанд.

Дар осори давраи миёна ҳунару истеъдоди шоирӣ ва ё нависандагӣ, сатҳи фаҳмишу истифодаи воҳидҳои забонӣ, санъатҳои лафзиву маъноӣ, мавзуниву латофат ва равонии забони муаллифон хеле ҳунармандона эҷод шудаанд. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯву омӯзиши ин мероси гаронбаҳои бадеӣ, ахлоқӣ, таърихӣ ва маънавии адибони классик боис мегардад, ки шароити забони адабӣ дар марҳалаҳои гуногуни рушду такомул, тағйирпазирии меъёрҳои забон, ҳамчунин таъсир бахшидану таъсир пазируфтани он дар давраҳои гуногун равшану возеҳ гардад.

Адиби мумтоз ва забардаст Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо таълифи «Ахлоқи муҳсинӣ», ки ба мавзуи ахлоқи накӯ ва сутудаи инсонӣ бахшида шудааст, дар таърихи илму фарҳанги асри XV тоҷик нақши босазо ва бузург гузоштааст. Бо

вуҷуди он ки асарҳои зиёди ахлоқӣ дар адабиёти мо сарчашмаи қадима доранд ва дар назари аввал, осори бахшида ба мавзуъҳои ахлоқӣ маъмулӣ менамоянд, вале Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таълифи ин гуна осор тарзу услуби ҷадидро ба кор бурдааст. Дар натиҷа, асар бо забони хеле равону мавзун таълиф шуда, аз навоварӣ дар суханпардозӣ ва аз равшанбаёнӣ дар насиҳату ваъз фаровон истифода кардааст.

Аз баррасӣ ва ҷустуҷӯҳои муаллифи диссертатсия маълум мегардад, ки ин шоҳкории асри XV дар муқоиса бо дигар асарҳои ахлоқии ин давра ба ҷуз якчанд мақолоти илмӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, ки арзиши таҳқиқу баррасии муаллифи диссертатсияро дар соҳаи забоншиносӣ воло ва муҳим мегардонад. Муаллиф дар ин бобат чунин зикр кардааст: «Бояд гуфт, ки оид ба хусусиятҳои забонии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ягон рисола, таҳқиқи мустақиму густурдае анҷом дода нашудааст. Дар забоншиносии тоҷик танҳо як мақолаи профессор Д. Хоҷаев бо унвони «Баъзе вижагиҳои наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» ба табъ расидааст.» (диссертатсия, саҳ. 6).

Таҳқиқу омӯзиши хусусиятҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ» дар замони мо барои шинохт ва ошкор гардидани хусусиятҳои забони адабии он давра ва нишон додани нақши бузурги адиб Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар рушди меъёрҳои забони адабӣ хеле муҳим мебошад. Аз ин нуқтаи назар, мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дорои аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ аст.

Муаллифи диссертатсия қайд кардааст, ки ҳусни баёни Ҳусайн Воиз дар «Ахлоқи муҳсинӣ» дар муқоиса бо насри мураккабу печидаи баъзе осори асри XV хеле фарқ дорад.

Дар натиҷаи таҳқиқи хусусиятҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ қонуниятҳои ташаккулу таҳаввули категорияҳои лексикӣ, меъёрҳои сарфию наҳвии забони адабии тоҷикӣ дар асри XV ва таъсири он ба асрҳои баъдӣ маълум мегардад, ки ин ҷиҳати дигари муҳиммии мавзуъ ба ҳисоб меравад. Диссертант чунин зикр кардааст: «Тарзи баёни «Ахлоқи муҳсинӣ», аз як тараф, ба насри содаи асри X иртибот дошта бошад, аз сӯйи дигар, дар ниҳояти устодона муаллиф ба насри такаллуфӣ такя кардааст. Таҳқиқи вижагиҳои луғавию грамматикии ин асар барои ошкор гардидани як тарзи баёни миёна, ки аз муғлақбаёнию печидагӣ дар асрҳои XII-XIV дар насри бадеии мо пайдо шуда буд, мусоидат менамояд.» (диссертатсия, саҳ.4).

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Довталаб Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна бо такя ба омӯзишу таҳқиқи осори олимони зиёд,

махсусан, забоншиносон асосҳои назарӣ ва амалии мавзуи диссертатсияашро ташхис намудааст. Ҳамчунин дар асоси усулҳои муосири забоншиносӣ маводи асари таҳқиқшавандаро омӯхтааст, ки ин саҳми шахсии довталабро нишон медиҳад. Дар диссертатсия хусусиятҳои асари таҳқиқшаванда ба таври мушаххас оварда шудаанд, ки арзиши илмии корро баланд кардаанд.

Масъалагузориҳои илмӣ дар диссертатсия ба таври мушаххас буда, масъалаҳои мавриди таҳқиқ, навгонӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, аз масъулиятшиносӣ ва дониши хуби унвонҷӯ дарак медиҳанд. Гузашта аз ин, таҳлилу таҳқиқи назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, таҳлилу таҷзия, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ, монография, ки ба мавзуи мавриди таҳқиқ муносибат доранд, низ саҳми шахсии диссертантро дар коркард ва таҳқиқи мавзуъ тасдиқ менамояд. Назари шахсӣ ва методологии диссертант дар ҳалли як қатор масъалаҳои вобаста ба сарфу наҳви асар мусоидат менамояд. Диссертант дар танзим намудани роҳу равиши ҳалли масъалаҳое, ки дар диссертатсия ба миён гузошта шудаанд, аз усулҳои тасвирию тавсифӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ ва оморӣ истифода кардааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки дар забоншиносии тоҷик аввалин бор хусусиятҳои луғавию грамматикии асари насри ахлоқии асри XV – «Ахлоқи муҳсинӣ» пурра ва фарох мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар ин замина, масъалаҳои забони адабии тоҷик дар асри XV ва саҳми Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар инкишофи таркиби луғавӣ, сарфу наҳви забони адабии тоҷик дар ин давра нишон дода шудааст. Ҳамчунин нақши осори адабӣ ва адибони алоҳидаро дар забоншиносии тоҷик ошкор менамояд.

**Аҳаммияти назарии** кори таҳқиқии Абдураҳмонова Нилуфар бо он асоснок мегардад, ки ба хулосаҳои муаллифи диссертатсия дар роҳи рушди минбаъдаи забоншиносӣ ҳамчун манбаи омӯзиши таърихи забон ва қонуниятҳои инкишофи сохтори луғавӣ, сарфӣ ва наҳвии забони адабии тоҷик ёрӣ мерасонад.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсияи мавриди назар дар он зоҳир меёбад, ки маводи фароҳамомада, хулоса ва натиҷагириҳои илмии муаллиф дар ҷараёни таълифи китобҳои дарсии «Таърихи забони адабии тоҷик», «Лексикологияи таърихӣ», «Сарфу наҳви тоҷикӣ» ва хондани курсу семинарҳои тахассусӣ аз фанни «Таърихи забони адабии тоҷик», навиштани рисолаҳои магистрӣ, доктории дараҷаи PhD, номзадӣ ва рисолаҳои хатм дар факултетҳои равияи филологӣ метавон истифода кард.

Диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна аз муқаддима, 3 боб, фаслҳои алоҳида, хулоса, китобнома ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот иборат аст, ки 167 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Вижагиҳои луғавии «Ахлоқи муҳсинӣ»» унвон дошта, таҳқиқи масъала дар 6 фасл ва 3 зерфасл анҷом дода шудааст. Дар фасли аввали боб масоили умумии мавзуъ баррасӣ мегардад.

Масъалаи лексикаи аслӣ ва иқтибосии арабӣ дар фасли дуюми боби мазкур таҳқиқ шудааст. Диссертант таъкид мекунад, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ» дар интихоби калима ва тарзи баён устодкорона муносибат карда, дар таълифи асар ҳама нозукӣ ва ҷузъиёти забониро ба назар гирифтааст. Шароиту вазъи нутқ дар интихоби калима ба муаллиф хеле таъсир гузоштааст. Ҳамчунин дар фасли мазкур лексикаи аслӣ ва иқтибосоти арабӣ дар асоси овардани мисолҳо аз асар мушаххас гардидаанд. Диссертант таъкид мекунад, ки «дар як ҷумлае, ки аз понздаҳ калима иборат аст (Ҳар бомдод гови мо бисёр шир бидодӣ, имрӯз андак. Ҳар гоҳ ки подшоҳ нияти бад кунад, Ҳақ баракат бардорад («Ахлоқи муҳсинӣ» саҳ.24), ҳамагӣ се вожаи арабӣ истифода шудааст. Дигар ҳама калимаҳои аслии оммафаҳми тоҷикианд.» (диссертатсия, саҳ.18).

Муаллифи диссертатсия лексикаи «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифиро аз рӯйи хусусияти маъноӣ, грамматикӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардааст: вожаҳои номӣ (исм), вожаҳои сифатӣ, вожаҳои иқтибосии арабӣ.

Ҳамин тариқ, дар фасли сеюми боби аввал таҳти унвони «Категорияҳои лексикӣ ва корбасти онҳо дар «Ахлоқи муҳсинӣ», дар фасли чорум таҳти унвони «Вожаҳои услуби баланд дар «Ахлоқи муҳсинӣ», дар фасли панҷум таҳти унвони «Вожа-истилоҳот дар «Ахлоқи муҳсинӣ» ва дар фасли шашуми боби аввал «Иборaҳои фразеологӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ» диссертант вижагиҳои луғавии асари мавриди таҳқиқро пурра баррасӣ намуда, бо мисолҳои мушаххас ва таҳлилҳои комил доир ба категорияҳои лексикӣ, вожаҳои услуби баланд, вожа-истилоҳот ва ибораҳои фразеологӣ маълумоти арзишманде додааст.

Боби дуюми диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар, асосан, ба таҳқиқи масоили марбути вижагиҳои сарфии «Ахлоқи муҳсинӣ» ихтисос дода шудааст. Ин боб аз 3 фасл ва 7 зерфасл иборат аст. Диссертант дар оғози ин боб масъалаҳоро ба таври куллӣ ба миён мегузорад ва дар фаслҳои баъдӣ онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ менамояд. Фасли аввали боб ба масоили умумии сарфии асар бахшида шуда, фасли дуюм унвони «Исму сифат ва вижагиҳои онҳо дар «Ахлоқи муҳсинӣ»», ки дар он хусусиятҳои дастурии ҷамъбандии исм, вижагиҳои калимасозии пешвандию пасвандии исму сифат, исмҳои мураккаб, исмҳои мураккаби пайваст, исмҳои мураккаби тобеъ, сифат ва вижагиҳои он дар «Ахлоқи муҳсинӣ» ва фасли сеюм унвони «Феъл ва вижагиҳои он дар «Ахлоқи муҳсинӣ»» -ро дорад.

Таҳқиқи пурраи хусусиятҳои сарфии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» дар боби дуюм баррасӣ шудааст, ки таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асри XV бо ҳамон ду роҳи маъмулӣ такмил ёфтааст: аз рӯйи имкони дохилии забон, яъне калимасозӣ ва санъатҳои бадеӣ, монанди маҷоз, киноя, ташбеҳ, истиора ва аз рӯйи имкони берунӣ, яъне иқтибосоти калимаю таркиб, истилоҳу ибораҳо аз забонҳои дигар, масалан, забони арабӣ.

Боби сеюми диссертатсия ба вижагиҳои наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ бахшида шудааст, ки аз 4 фаслу 5 зерфасл иборат аст. Фасли аввал ба масоили умумӣ марбут буда, фасли дуюм доир ба вижагиҳо дар иборасозию ибораороӣ, фасли сеюм доир ба ҷумлаҳои сода ва вижагиҳои корбурди онҳо ва фасли чорум дар бораи хусусиятҳои корбурди ҷумлаи мураккаб мебошад. Яке аз хусусиятҳои илмии боби сеюм дар он ба назар мерасад, ки муҳаққиқ доир ба ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб дар «Ахлоқи муҳсинӣ» ва нутқи айнану мазмунан нақлшуда дар ин асар низ таҳқиқи арзишманде анҷом додааст. Фасли панҷуми ин боб бошад, доир ба корбурди банди наҳвӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ» баҳс мекунад.

Диссертатнт дар боби сеюм, ки хусусиятҳои наҳвиёти «Ахлоқи муҳсинӣ»-ро баррасӣ намудааст, бартарии ҷумлаҳои мураккабро нисбат ба ҷумлаҳои сода дар сохти наҳвиёти асар хуб мушоҳида кардааст. Ҳамчунин хусусияти дигари сохти наҳвиёти асарро низ таҳқиқ карда, дар рисола қайд намудааст, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бештар истифода кардааст, яъне ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда бештар аз ҷумлаҳои мураккаби тобеи муқаррарӣ дар асар истифода шудааст. Диссертант ҳамчунин қайд кардааст, ки инро услуби худи асар талаб намудааст. Услуби асар ҳикоя андар ҳикоя буда, бештар ҳодисаҳо на аз забони муаллиф, балки аз забони қаҳрамонони асар нақл мешаванд, ки шарҳу тавзеҳталабанд.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар бахши «Хулоса»-и диссертатсия дар 10 банд оварда шудааст, ки аксари онҳо натиҷаи баррасиҳои пурвусъати ӯст.

Китобнома ва феҳристи адабиёти истифодакардаи диссертант агар аз як тараф, паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз тарафи дигар, бозгӯяндаи сатҳу салиқаи баланди илмии таҳқиқоти мавриди назар мебошад.

Равшан аст, ки диссертант солҳои зиёд ба пужӯҳиши вижагиҳои луғавию грамматикии асари ахлоқии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ машғул будааст. Мақолаҳо ва маърузаю суханрониҳои илмии ӯ, ки ба нашр расидаанд, далели равшани гуфтаҳои болост.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои илмӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани муҳтавои илмии кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Ба назари мо, дар қисмати «Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ»-и муқаддимаи рисола маълумоти зарурӣ вобаста ба таҳқиқи мавзуъ дар илми забоншиносии тоҷик камтар дода шудааст.

2. Дар қисмати «Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия»-и муқаддимаи рисола нишон додани номи пурраи мақолаҳои нашршуда аз ҷониби муаллиф шарт нест.

3. Фасли панҷуми боби аввали рисола «Ибораҳои фразеологӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ»» унвон дорад. Вобаста ба он ки дар дохили фасл на танҳо ибораҳои рехта, балки таркибу ҷумлаҳои фразеологӣ низ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Хуб мебуд, агар фасл дар шакли «Воҳидҳои фразеологӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ»» номгузорӣ мешуд.

3. Хулосаи рисола дар доираи 10 банд ҳама натиҷагириҳои мавзуи таҳқиқшударо фаро нагирифтааст, ҳол он ки муаллиф заҳмати зиёд кашида, вижагиҳои луғавию дастурии ин асари таърихиро ба таври шоиставу арзишманд рӯйи об баровардааст.

4. Дар фишурдаи диссертатсия баъзан мисолҳо зиёд ва бе таҳлил оварда шудаанд (саҳ. 9,11,13,14,15).

5. Забони рисола ва гунаи русии фишурдаи он ба таҳрири имлоиву китобат ниёз дорад.

Албатта, камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро халалдор намесозанд, зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ва бо савияи баланди пажӯҳишӣ ба анҷом расонидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссерататсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи

Кошифӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, диссертант лаёқати баланди илмӣ дошта, фаъолият ва осори илмии ӯ бевосита ба самти забоншиносӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 4 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

**Хулоса,** диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва умқу вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузоштташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шаҳбози Рустамшо омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 27-уми марти соли 2024 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи №8, аз 27.03.2024.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи забоншиносӣ
ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҷумъахон Алимӣ

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва таърихи
забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шаҳбози Рустамшо

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатова Фароғат Толқуновна

**Имзоҳои Ҷ. Алимӣ, Шаҳбози Р.**
**ва Давлатова Ф.-ро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Файзуллохуҷа Азизович

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.
Тел. : +992 (3322) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj; сомонаи расмӣ: www.kgu.tj
«02» апрели соли 2024.